**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаҳои фаъолият дар соли 2022)**

***Муаллиф ва тартибдиҳанда: Фавзия Назарова***

Гузориши мазкур дар асоси маълумоте омода шудааст, ки аз ҷониби ташкилотҳои узви Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар омода намудани фаслҳои гузориш ширкат варзиданд: Нигина Баҳриева, Нурмаҳмад Халилов, Гулчеҳра Холматова, Парвина Наврӯзова, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | **5** |
| **1** | **Ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки фаъолият** | **6** |
| **2** | **Сохтори Эътилоф** | **7** |
| **3** | **Натиҷаҳои асосии фаъолияти Эътилоф дар соли 2022** | **8** |
| **3.1.** | **Ҷорӣ намудани низоми офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона** | **12** |
| **3.2.** | **Кӯмаки ҳуқуқӣ** | **14** |
| **3.3.** | **Татбиқи принсипҳои Истамбулӣ барои тафтишоти самараноки тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон** | **19** |
| **3.4.** | **Тавзеҳи масъалаҳои шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма** | **21** |

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО**

АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ

ДИДҲИ – Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

СРИҶҶ– Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ

ГКҲ – Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ

ГОШ – Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТСТ – Ташхиси судиву тиббӣ

КҲИ – Кумита оид ба ҳуқуқи инсон

ШИМ – Шахси дорои имкониятҳои маҳдуд

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ

КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх

ВМ – Вазорати мудофиа

ТҶБ - Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ

ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ барои ҳуқуқи инсон

ИБЗ – Ислоҳоти байналмилалии зиндонҳо

ВА – Вазорати адлия

ТҒД – Ташкилоти ғайридавлатӣ

ММП – Механизми миллии пешгирӣ

ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони милали Муттаҳид

ФҶ – Фонди Ҷамъиятӣ

БРСММ – Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ТТ – Тавқифгоҳи тафтишотӣ

ПИ – Протоколи Истамбулӣ

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИҶК БМ – Институти "Ҷамъияти Кушода" - Бунёди мадад

ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ

ДИ ПҶТ – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУ – Муассисаи ислоҳӣ

ИКОҲИ – Идораи Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ТДУ– Тафсири даврии универсалӣ

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПФКЗШ – Протоколи факултативии Конвенсияи зидди шиканҷа

ОМ – Осиёи Марказӣ

ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони СММ

**Ихтисораҳо бо забони англисӣ**

USD – доллари ИМА

DCAF – Маркази назорати демократӣ аз болои қувваҳои мусаллаҳ

DFID – Департаменти рушди байналмилалӣ

ABA/ROLI – Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико/Ташаббуси волоияти қонун

NED – Фонди миллии дастгирии демократия

## МУҚАДДИМА

Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2011 бахри муттаҳид сохтани талошҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Дар ин муддат Эътилоф ба сохтори ба таври муназзам амалкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудааст. Эътилоф платформаи муҳим ва фазои бехатар барои тамоми аъзои он буда, дар доираи он имкон барои дастгирӣ, гирифтани маслиҳати касбӣ, машварат, баланд бардоштани малакаи касбии хеш, муттаҳид сохтани талошҳо ва баромад намудан бо як овоз ҷиҳати таъсиррасонии боз ҳам самаранок ба шахсони қарорқабулкунанда, қурбониён ва донорҳо фароҳам оварда мешавад. Шаффофияти фаъолият ва одоби касбӣ, принсипҳои бағоят муҳими фаъолияти Эътилоф ба ҳисоб меравад.

Аъзои Эътилоф ТҒД-ҳои пешбар дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бо таҷрибаи бисёрсола мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешаванд ва дорои имкониятҳои муколама бо мақомоти давлатии кишвар буда, робитаҳои худро бо ВАО мустаҳкам менамоянд ва дар пешбурди фаъолият оид ба мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ нақши асосиро мебозанд. Эътилоф ба амалӣ намудани муҳокимаи ҷамъиятӣ оид ба масъалаи шиканҷа мусоидат намуда, дорои тасаввуроти хуби вазъ дар сатҳи инфиродӣ (кори бевосита бо қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбурди сиёсат) буда, барои пешбурди тавсияҳои худ механизмҳои минтақавӣ ва байналмилалиро самаранок истифода мебарад.

Эътилоф дорои сомонаи худ www.notorturetj.org ва саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки воситаҳои фарогири иттилоотӣ оид ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон буда, дар онҳо мақолаҳо, ҳуҷҷатҳои барномавии дахлдор, натиҷаҳои таҳлил ва таҳқиқот, мусоҳиба ва дигар иттилооти заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Саҳифаҳои Эътилоф дар Шабакаҳои иҷтимоӣ:
Facebook: https://www.facebook.com/notorture.tj
Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw
Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
Телеграм: http://t.me/notorturetj
Instagram: notorture.tj

Дар соли 2022 фаъолияти умуми Эътилоф аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, Фонди Зигрид Раузинг Траст, Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон, Фонди ихтиёрии СММ оид ба дастгирии ҷабрдидагони шиканҷа, БРСММ, Созмони ҷаҳонии зидди шиканҷа (ОМСТ), Ҳамкории байналмилалӣ барои ҳуқуқи инсон (IPHR) Белгия, Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (Лаҳистон) ва ғайра дастгирӣ карда шуд.

## 1. ҲАДАФҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1. Эътилоф дар назди худ чунин ҳадафҳо мегузорад:

- Муттаҳид сохтани талошҳо ва талабот нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ташаккули сиёсати "таҳаммулпазирии сифрӣ" нисбати шиканҷа дар Тоҷикистон;
- Дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, равона намудани талошҳо ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ.

### 1.2. Афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф:

Самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф аз инҳо иборатанд:

- Пешбурди ташаккули низоми самараноки вокуниш ба аризаҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили таҳқиқи шиканҷа дар Тоҷикистон
- Пешбурди стандартҳои Протоколи Истамбулӣ дар қонунгузорӣ ва амалия, аз ҷумла, ташкил намудани институти мустақили ташхиси судиву тиббӣ
- Пешбурди ташаккули институти назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷойҳои маҳдуд ва маҳрум сохтан аз озодӣ
- Пешбурди такмили механизмҳои самараноки ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла ҷуброни одилона ва кофӣ бо назардошти воситаҳои барои офиятбахшии эҳтимолан мукаммалтар.

Дар соли 2023 Эътилоф фаъолияти зеринро идома медиҳад:

- Рушди минбаъдаи сомонаи Эътилоф www.notorturetj.org, ки ягона сарчашмаи боэътимод ва пурраи иттилоот оид ба ҳолатҳои мушаххас, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оиди вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон барои ҷомеа ва гурӯҳҳои касбӣ мебошад. Сомона ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мусоидат менамояд ва ҳамчун платформа барои мубодилаи иттилоот байни тамоми субъектҳои асосӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд.
- Идома додани пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, пешбурди мурофаиҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи шиканҷа дар кишвар маълумоти бевосита ба даст орад, дар ҳоле ки пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкони ноил шудан ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷубронпулиро ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ фароҳам меорад.
- Анҷом додани мониторинги иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои сафарҳои ӯ ба Тоҷикистон.
- Омодасозии ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативии ба мақомоти СММ, инчунин дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқи инсон.
- Иштироки фаъолона дар пешбурди сиёсати миллӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа: таъсис додани институти мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, такмил додани қонунгузорӣ, тақвият бахшидани механизмҳо ва расмиёти ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона.
- Баргузор намудани тренингҳо ва чорабиниҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои амалкунанда ва намояндагони касбҳои ҳуқуқӣ.

## 2. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилоф намояндагони ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони алоҳидаеро, ки фаъолиятро дар соҳаи мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона амалӣ мекунанд, муттаҳид месозад ва дар асоси **Қоидаҳо ва принсипҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегия амал менамояд.**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 аъзо ва шарикони Эътилоф инҳо мебошанд:

1. ТҶ "Ассотсиатсияи мушовирони халқии ҶТ"
2. ТҶ Созмони занони маъюб "Иштирок"
3. ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
4. Ташкилоти ҷамъиятии "Ибтидо"
5. Ташкилоти ҷамъиятии "Наҷоти кӯдакон"
6. Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"
7. Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
8. ТҶ "Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон"
9. ТҶ "Отифа"
10. ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"
11. Фонди ҷамъиятии "Ташаббуси ҳуқуқӣ"
12. ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
13. Абдураҳмон Шарипов, ҳуқуқшинос
14. Аскар Турсунов, адвокат
15. Зоир Раззаков, коршиноси тиббӣ
16. Наргис Ҳамрабаева, рӯзноманигор
17. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
18. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
19. Умед Ниёзов, адвокат
20. Дилафрӯз Самадова, адвокат
21. Шӯҳрат Саидов, адвокат

### 2.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:

**Шӯрои Эътилоф -** тамоми аъзо ва шарикони ҷории Эътилоф
**Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Нурмаҳмад Халилов, ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
**Маркази таҳлилӣ –** Нигина Баҳриева, Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
**Гурӯҳи оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрум ва маҳдуд сохтан аз озодӣ –** Фарҳод Бобоев, ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
**Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ –** Гулчеҳра Холматова, ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
**Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо –** Гулчеҳра Раҳмонова, ТҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ" (дар асоси Стратегия амал мекунад).
**Гурӯҳи расонаӣ** – Шоира Давлатова, "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" (дар асоси Стратегия амал мекунад).

## 3. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР СОЛИ 2022

Соли 2022 Эътилоф бинобар сабаби фишори мақомоти давлатӣ, ки вобаста ба рӯйдодҳо дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ба вуҷуд омадааст, бо мушкилоти ҷиддӣ дучор гардид. Дар байни шахсоне, ки барои кӯмаки ҳуқуқӣ ба Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф муроҷиат карданд, инчунин хешовандони шахсони боздоштшуда дар робита ба эътирозҳои оммавӣ дар минтақа буданд. Дар баъзе ҳолатҳо, хешовандон дар давоми якчанд ҳафта дар куҷо будани наздикони худро намедонистанд, ки ин боиси нигарониҳои ҷиддӣ нисбати ҳолатҳои эҳтимолии истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона гардид. Дар байни боздоштшудагон инчунин узви Эътилоф Манучеҳр Холиқназаров буд, ки манфиатҳои ӯро адвокатҳои шарики Эътилоф низ намояндагӣ мекарданд ва ӯ баъдан ба 16 соли маҳрумият аз озодӣ маҳкум шуд. ТҶ "Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир", ки узви Эътилоф буд ва таҳти роҳбарии Манучеҳр Холиқназаров қарор дошт, барҳам дода шуд.

Дар заминаи ин мушкилот, Эътилоф дар таъмини бехатарии аъзои худ ва адвокатҳое, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунад, ба душвориҳо дучор шуд. Аз сабаби бад шудани вазъ кор бо адвокатҳо дар Тоҷикистон торафт мушкилтар мегардад, зеро аксарияти онҳо аз иштирок дар парвандаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ҳассос худдорӣ мекунанд. Ин боиси ҷалби 2-3 адвокат барои тақвияти чораҳои бехатарӣ мегардад, ки хароҷоти зиёди молиявиро барои пардохти музди меҳнат ба бор меорад. Бад шудани вазъи ҳомиёни ҳуқуқро ҳамчунин Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи ҳомиёни ҳуқуқ хонум Мэри Лолор зимни сафари худ ба Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2022 қайд кард. Ӯ зикр намуд, ки ҳомиёни ҳуқуқ, рӯзноманигорон ва адвокатҳо барои фаъолияти худ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ мавриди таъқиб, таҳдид, ҷазои ҷиноӣ, мурофиаҳои ноодилона ва ҳабс қарор мегиранд[1].

Бо вуҷуди ин мушкилот, Эътилоф фаъолияти худро дар соли 2022 низ идома дод:

- Аз ҷониби гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф 19 муроҷиат оид ба масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ шудааст, ки аз онҳо 4 муроҷиат аз занон мебошад. Корҳо аз рӯйи 6 парвандаи солҳои гузашта идома дода мешаванд.
- 16 нафар бо **офиятбахшӣ** фаро гирифта шуданд, аз онҳо 7 нафар мард ва 7 нафар зан. Аз шумораи умумии қурбониён 11 нафар шахсони бевосита аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарардида ва 5 нафар хешовандони қурбонии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.
- **Гурӯҳи расонаӣ** 379 мавод (баёнияҳои матбуотӣ, таҳлилҳо, маводҳои мултимедиавӣ\видеоӣ\аудиоӣ, ақидаҳо, маводҳои иттилоотӣ ва ғайра) бо забонҳои тоҷикӣ (192) ва русӣ (213) нашр кардааст.
- Дар беҳтар намудани фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон пешрафти назаррас ба даст оварда шуд.
- **Гурӯҳи мониторинги** Эътилоф барои гузаронидани мониторинги мустақил ба муассисаҳои касалиҳои рӯҳии Тоҷикистон дастрасӣ пайдо кард.
- Барномаи офиятбахшии маҷмӯии маҳкумшудагон дар доираи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия шудааст, ки доираи васеи чорабиниҳоро оид ба дастгирии тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва динӣ дар бар мегирад.

[1] https://www.ohchr.org/ru/press-releases/2022/12/tajikistan-human-rights-defenders-face-increasing-threats-climate-fear-says

- Варақа оиди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои занони маҳкумшуда тибқи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ таҳия шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо мусоидат мекунад.

## ҲАМКОРӢ БО МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

Эътилоф ҳамкории фаъолро бо мақомоти мухталифи давлатӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирии шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона ва ҷазо идома медиҳад. Ба ин баргузор намудани тренингҳо ва семинарҳо барои намояндагони мақомоти давлатӣ, таҳлил ва такмили қонунгузорӣ, инчунин ташкили мизҳои мудаввар ва конфронсҳои муштарак дохил мешаванд.

**Мусоидат намудан дар таҳияи Стратегияи миллӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон**

Дар давраи ҳисоботӣ коршиносони Фонди ҷамъиятии "Нотабене" дар таҳияи Стратегияи миллӣ оиди ҳуқуқи инсон то соли 2030, ки тасдиқи он дар оғози соли 2023 пешбинӣ шудааст, мусоидат карданд.

**Саҳм дар омодасозии нашрияи "Барҳам додани ҳавасмандии истифодаи шиканҷа"**

Моҳи феврали соли 2022 бо дархости Раёсати САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, Фонди ҷамъиятии "Нотабене" санади таҳлилиро марбут ба вазъи ғайри қобили қабул будани истифодаи далелҳо ва нишондодҳое, ки тавассути шиканҷа дар Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, таҳия намуд, ки ин саҳм дар нашри муштараки "Барҳам додани ҳавасмандии истифодаи шиканҷа" буд, ки аз ҷониби САҲА/ODIHR ва Институти ҳуқуқҳои бунёдӣ ва ҳуқуқи инсон ба номи Людвиг Болсман омода шудааст[2]. Дар ҳуҷҷат таҳлили мушкилот ва монеаҳои мавҷуда барои татбиқи ин принсип, инчунин қадамҳои пешниҳодшуда барои баланд бардоштани самаранокии он оварда шудааст.

**Рушди ҳамкорӣ бо Вазорати адлия**

Соли 2022 Эътилоф дар якҷоягӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (СРИҶҶ) - и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи амалеро таҳия намуд, ки ба беҳтар намудани фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кишвар нигаронида шудааст. Ин нақша мониторинги мустақили ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодиро бо мақсади мутобиқ кардани фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон дар бар мегирад.

Дар доираи чорабиниҳои таълимӣ оид ба такмили ихтисос ва омӯзиши кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар соли 2022 **110 корманди низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**, аз ҷумла **30 нафар зан ва 80 нафар мард** омӯзонида шуданд.

Соли 2022 Эътилоф инчунин ба муассисаҳои касалиҳои рӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани мониторинги риояи ҳуқуқу кафолатҳои шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва дар муассисаҳои касалиҳои рӯҳӣ қарордошта дастрасӣ пайдо кард. Ин таҳлили ҷанбаҳо, аз қабили озодӣ аз зӯроварӣ, ҷойгиркунии қонунӣ дар муассисаҳо, хизматрасонии моддӣ ва маишӣ, ташкили ғизои тиббӣ, шароити нигоҳдорӣ ва кори кормандонро дар бар мегирифт. Дар **давраи** аз 12 апрел то 20 майи соли 2022 мониторинг дар **8 муассисаи касалиҳои рӯҳии** зерин гузаронида шуд:

[2] https://www.osce.org/ru/odihr/471720

- ✓ Маркази ҷумҳуриявии байниноҳиявии психоневрологии Турсунзода - аз 12 то 15 апрели соли 2022;
- ✓ Маркази ноҳиявии касалиҳои рӯҳӣ - Зафарабод - аз 12 то 15 апрели соли 2022;
- ✓ Маркази вилоятии касалиҳои рӯҳии №1 - Бохтар - аз 19 то 22 апрели соли 2022;
- ✓ Маркази шаҳрии касалиҳои рӯҳӣ - Панҷакент - аз 19 то 22 апрели соли 2022;
- ✓ Маркази вилоятии касалиҳои рӯҳии №2 - Кӯлоб - аз 4 то 7 майи соли 2022;
- ✓ Маркази шаҳрии касалиҳои рӯҳӣ - Конибодом - аз 4 то 7 майи соли 2022;
- ✓ Маркази байниноҳиявии касалиҳои рӯҳӣ - Рашт - аз 17 то 20 майи соли 2022;
- ✓ Маркази вилоятии касалиҳои рӯҳӣ - Хуҷанд аз 17 то 20 майи соли 2022.

**Ҳамкорӣ бо Суди Олии ҶТ**

25-27 майи соли 2022 Эътилоф дар якҷоягӣ бо Суди Олии ҶТ барои судяҳо дар мавзӯи "Ҷуброни зарари маънавӣ ба қурбониёни вайронкунии ҳуқуқи инсон" омӯзиш гузаронид. Дар омӯзиш 14 судя, намояндагони Суди Олӣ, Суди ноҳияи И. Сомонӣ, Суди ҳарбии гарнизони Душанбе, ноҳияи Мурғоб, ш. Турсунзода, ш. Панҷакент ва Суди ноҳияи Балҷувон иштирок карданд. Ба ҳайси коршиносон Пулодӣ Мавҷуда - Судяи Суди Олӣ, Аланазарзода Шароф - Судяи Суди Олӣ, Ҳаким Рухшона - Судяи Суди Олӣ, Елена Волочай - коршинос оид ба масъалаҳои ҷуброни зарари маънавӣ, Нигина Баҳриева - коршинос оид ба ҳуқуқи инсон баромад карданд.

**Рушди ҳамкорӣ бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Мубориза бар зидди шиканҷа, таҷриба ва дастовардҳо"**



**25 октябри соли 2022 Конфронс оид ба мубориза бар зидди шиканҷа дар якҷоягӣ бо Прокуратураи генералии ҶТ баргузор шуд.** Ҳадафи асосии чорабинӣ муҳокимаи мушкилоти мубрам дар соҳаи мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон буд. Дар рафти конфронс намояндагони вазорату идораҳо дар бораи чораҳои таъмини озодӣ аз шиканҷа бо маърӯзаҳо баромад карданд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла Эътилоф бар зидди шиканҷа, натиҷаҳои фаъолияти худро пешниҳод намуда, тавсияҳо доир ба беҳтар намудани ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муқовимат ба шиканҷа дар кишвар, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин соҳа ташаккул доданд.

Дар кори конфронс 86 нафар, аз ҷумла коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, прокуратура, Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва сафоратхонаҳо, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии аъзои Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд. Аз рӯи натиҷаи конфронс

маводҳои конфронс дар мавзӯи умумии "Муқовимат ба шиканҷа, амалҳо ва дастовардҳо" нашр шуданд[3].

**Омӯзишҳо барои кормандони мақомоти прокуратура**



Дар доираи Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи барои солҳои 2019-2022 Эътилоф ва Маркази ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ бо Прокуратураи генералии ҶТ ва Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятакорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омӯзишҳо дар мавзӯи "Тарзу усулҳои назорати прокурорӣ оид ба риоя ва иҷрои конунгузорӣ дар бораи пешгирӣ, ошкор ва тафтиш намудани ҳолатҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф" гузаронида шуданд. Дар омӯзиш 71 нафар иштирок карданд: муфаттишони раёсатҳои тафтишотии Прокуратураи генералӣ, прокуратураи ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, прокуратураи шаҳри Душанбе, ноҳияҳои он, прокуратураи ҳарбӣ ва нақлиёт ва прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ[4].

Вақт ва макони гузаронидани омӯзиш:

· 15-17 феврали соли 2022 дар ш. Душанбе бо ҷалби муфаттишони Прокуратураи генералии ҳарбӣ, прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, ш. Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шӯъбаҳои прокуратураи ҳарбии Душанбе, Хоруғ ва прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ.

· 21-23 феврали соли 2022 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон барои муфаттишони прокуратураи вилояти Хатлон, прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят, прокуратураи нақлиёти вилояти Хатлон, прокуратураи ҳарбии гарнизони ш. Бохтар ва прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳии вилояти Хатлон.

· 24-26 феврали соли 2022 дар ш. Кӯлоби вилояти Хатлон бо ҷалби муфаттишони прокуратураи гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоби вилояти Хатлон, прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят, прокуратураи ҳарбии гарнизони Кӯлоб.

· 1-3 марти соли 2022 дар ш. Хуҷанд бо ҷалби муфаттишони прокуратураи вилояти Суғд, прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят, прокуратураи нақлиёт.

## 3.1. ҶОРӢ НАМУДАНИ НИЗОМИ ОФИЯТБАХШИИ ҚУРБОНИЁНИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Ҳадафи Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони (ГОШ) аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо расонидани кӯмаки ҳадди аксари имконпазир ба қурбониён дар барқароркунии

[3] https://notorturetj.org/news/borba-s-pytkami-v-fokuse-vnimaniya-respublikanskoy-konferencii
[4] Омӯзишҳо бо дастгирии молиявии Фонди Зигрид Раузинг Траст ва Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе баргузор гаштан.

мустақилӣ ва қобилиятҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин ҳамгироии пурраи иҷтимоӣ ва иштироки онҳо дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

ГОШ фаъолияти худро дар ҳамкории зич бо Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф амалӣ месозад. Пас аз гирифтани ариза дар бораи истифодаи эҳтимолии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона ва ҳуҷҷатгузории он ГКҲ, бо розигии қурбонии эҳтимолии шиканҷа ва/ё аъзои оилаи онҳо, онҳо ба ГОШ барои гирифтани хизматрасонии офиятбахшӣ равона карда мешаванд.

**Офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо**

Дар давраи ҳисоботӣ 16 нафар, аз онҳо 2 нафар мардон ва 7 нафар занон ва 7 нафар писарони ноболиғ барои офиятбахшӣ қабул шуданд. Аз шумораи умумии қурбониён 11 нафар шахсони бевосита аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарардида ва 5 нафар хешовандони қурбонии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.

Нисбати ёздаҳ нафар қурбонии бевосита аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарардида шиканҷаи ҷисмонӣ ва равонӣ истифода шудааст: латукӯб бо бастани пойҳо ва дастон, гузаронидани ҷараёни барқ тавассути нохунҳо ва узвҳои таносул, зарба задан ба шикам, зарба задан бо чӯбдаст ба атрофи зону, зарба задан ба сутунмӯҳра, мушт задан ба сар, мушт задан ба рӯй, мушт задан ба китфон, таҳдидҳои таҷовуз ба номус, зарба задан ба пойҳо, зарба задан ба қафаси сина, суханони қабеҳ.

Тамоми қурбониён, инчунин хешовандони онҳо осеб диданд, ки дар натиҷа онҳо гирифтори мушкилоти дорои хусусияти ҷисмонию равонӣ шуданд.

**Кӯмаки тиббӣ ва оқибатҳои шиканҷа**

Дар натиҷаи ташхис дар қурбониён ва хешовандони онҳо чунин осебҳои дорои хусусияти тиббӣ ошкор гаштанд: баланд шудани фишори шараёнӣ, дарди дил, дарди сутунмӯҳра, баланд шудани сатҳи қанд дар хун, лат хӯрдани мағзи сар, дарди зонуҳо, дард ҳангоми пешобкунӣ, дард дар пойҳо, дард дар қафаси сина, тангии шадиди нафас. Пас аз муоинаи терапевт, невропатолог, кардиолог, ортопед, травматолог ва эндокринолог тавсияҳо дар шакли табобати амбулаторӣ ва статсионарӣ дода шуданд.

Ба 16 нафар кӯмаки тиббӣ расонида шудааст, ки аз намудҳои зерини кӯмак иборат аст (13 ҳолатҳо):

- Муолиҷаи амбулаторӣ – 13 нафар
- Муолиҷаи статсионарӣ – 3 нафар
- Муоинаи тиббӣ – 16 нафар
- Физиотерапия ва маҳс – 2 нафар
- Доруворӣ – 16 нафар
- Муолиҷаи осоишгоҳӣ- курортӣ – 2 нафар.

**Осебҳои равонии дар натиҷаи шиканҷа расонидашуда**

Дар натиҷаи истифодаи шиканҷа, қурбониён дар ҳолати изтироб ва тарси пайваста аз ҳисоби ба хотир овардани ҳодисаҳои нороҳаткунанда аз шиканҷа қарор дошта, ба мушкилоти равонии зерин дучор шуданд: канораҷӯӣ, хоҳиши танҳо будан, бехобӣ ё хоби

ноором, асабоният, изтироб, хашмгинӣ, зудранҷӣ, сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, ҳисси дилхунукӣ, набудани иштиҳо, фаромӯшхотирӣ, гирёнӣ, нобоварӣ ба одамон, рӯҳафтодагӣ. Инчунин ташаннуҷи дохилии равонӣ дар фосилаи тӯлонии вақт, хоҳиши канораҷӯӣ аз одамон ва ҷомеа.

**Кӯмаки равонӣ ба 16 нафар шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо расонида шуд (13 ҳолатҳо):**

- Арзёбии ибтидоӣ – 16;
- Хулосаи вазъи равонӣ – 16;
- Сеансҳои равонӣ – 16;
- Омодасозии хулосаҳои равонӣ пеш ва баъд аз офиятбахшӣ – 16;
- Курси такрорӣ оид ба офиятбахшӣ – 0;
- Машварати адвокатҳо оид ба ташхиси равонӣ барои муайян кардани зарари маънавӣ – 0;

**Кӯмаки иҷтимоӣ**

- Кӯмаки иҷтимоӣ ба 21 нафар шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо расонида шуд (13 ҳолатҳо).
    - Гузаронидани арзёбии ибтидоӣ ва муайян намудани эҳтиёҷоти қурбонӣ – 16;
    - Дастгирии иҷтимоии қурбониён ва/ё аъзои оилаи онҳо – 16;
    - Расонидани кӯмак ба қурбонӣ оиди масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ (шуғл, таҳсил, нафақа, кӯмакпулӣ ва ғайра) – 8;
    - Пешбурди кейс-менеджмент барои ҳар як қурбонӣ-16;
    - Таҳияи нақшаи инфиродии кор бо қурбонӣ ва мувофиқа намудани он бо дигар мутахассисон – 16;
    - Даъват намудани Консилиум ва бурдани протокол аз рӯи ҳар як ҳолат – 16.

**Офиятбахшии такрорӣ**

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ ба 7 нафар қурбониёни эҳтимолӣ ва аъзои оилаи онҳо кӯмаки тиббии такрорӣ расонида шуд. Аз онҳо 4 нафар қурбонии бевосита, 3 нафари боқимонда хешовандони онҳо мебошанд. Ҳамаи 7 нафар аз муоина ва ташхис гузашта, табобати амбулаторӣ гирифтанд. Кӯмак дар асоси қарори консилиум ва тавсияи табибон расонида шуд.

## 3.2. КӮМАКИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ (ГКҲ) ба пешбурди ташаккули низоми вокуниши самаранок ба аризаҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти шиканҷа дар Тоҷикистон, инчунин ба ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба

расонидани кӯмаки амалии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва аъзоёни оилаи онҳо равона шудааст.

Вазифаҳои асосии ГКҲ аз инҳо иборат мебошанд:

- муайян намудани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- муайян намудани тартибот ва механизми ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё ба хешовандони онҳо, гузаронидани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- таҳияи қоидаҳо ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатҳо оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои узви Эътилоф оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- пешбурди ташаккули механизмҳои вокуниш ва тафтишоти самараноки шиканҷа.

Ба ҳайати Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ташкилотҳои узв ва шарикони Эътилоф дохил мешаванд, ки дар соҳаи пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Аъзои ГКҲ ба ҳамдигар дар рушди иқтидор вобаста ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории шиканҷа, стратегияҳо ва усулҳои ҳифзи қурбониёни шиканҷа, расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои осебпазири алоҳида, инчунин дар мубодилаи таҷрибаҳои муваффақ мусоидат мекунанд. Ба Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ташкилотҳои зерин дохил мешаванд:

- ТҶ "Дунёи ҳуқуқ";
- ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон";
- ФҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ";
- ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон";
- Шарикони Эътилоф (Умед Ниязов, Абдураҳмон Шарипов, Аскар Турсунов, Дилафрӯз Самадова)

Котиботи ГКҲ аз ҳамоҳангсоз, ду мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории шиканҷа иборат аст.

Дар соли 2022 ГКҲ фаъолиятро идома дод, ки ба иҷро намудани корҳои зерин равона шуда буд:

- ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ;
- омодасозии ҳуҷҷатҳо ва сохторҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон якҷоя бо Гурӯҳи таҳлилии Эътилоф;
- омодасозии маводи иттилоотию маърифатӣ ва паёмҳо оид ба парвандаҳои алоҳида, қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона якҷоя бо гурӯҳи расонаии Эътилоф.

**Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона**

Хазинаи ҳақмузд барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ, ки ба қурбониёни эҳтимолии шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо пешниҳод мегардад, дар мувофиқа бо аъзоёни комиссия оиди тақсимоти Хазинаи ҳақмузд (4 нафар) ва Ҳамоҳангсози Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ сарф карда

мешавад. Дар соли 2022 ба Хазинаи ҳақмузди Эътилоф 8 дархост оиди пешниҳод намудани хизматрасониҳои адвокат барои муроҷиатҳои нав, ки дастгирӣ шуда буданд, равона гардид.

Дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2022 аз ҷониби котиботи Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои узви Эътилоф 19 муроҷиатҳо оиди масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, аз ҷумла 4 муроҷиат аз занон, ҳуҷҷатгузорӣ гардидааст. Корҳо аз рӯйи 6 парвандаи солҳои гузашта идома дода мешаванд.

| | **Минтақаҳо** | | | | **ҶАМЪ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТҶ | Вилояти Хатлон, ВМКБ | Вилояти Суғд | |
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ шуданд | 6 | 3 | 3 | 7 | **19** |
| Адвокат пешниҳод гардид | 6 | 2 | 2 | 1 | **11** |
| Дастгирии ҳуқуқӣ | 1 | 2 | 2 | 3 | **8** |
| Мониторинги кори адвокатҳо | 3 | 2 | 2 | 3 | **10** |
| Дар марҳилаи ҳуҷҷатгузорӣ аз кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашиданд | | | 1 | | **1** |

**<u>Намудҳои асосии поймолкунии ҳуқуқи инсон дар раванди ҳабс ва гузаронидани тафтишот</u>**: боздошти ғайриқонунӣ ва худсарона; зӯроварии ҷисмонӣ дар шакли лату кӯб, шиканҷа бо ҷараёни электрикӣ; таҳдидҳои таҷовуз ба номуси худи қурбонӣ ва/ё аъзоёни оила; тарсондан бо нигоҳдорӣ дар ҳабс, ҷазо, таҳқир ва ромкунӣ.

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона бо мақсади ба даст овардани нишондоди иқроршавӣ, ҷазо додан барои амалҳои муайян ё ҳамчун чораи ромкунӣ ва таҳқири шаъну шарафи шахсӣ истифода бурда мешаванд.

**<u>Гурӯҳҳои синнусолии қурбониён:</u>**
Ноболиғон - 1 нафар
19–21: 2 нафар
22–34: 7 нафар
35–45: 8 нафар
46–60: 1 нафар

Занон - 5
Мардон - 14

Аризаҳо оиди истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба **мақомоти** давлатии зерин ворид гардиданд:

- ВКД – 17
- КДАМ - 2

**Машваратҳои ҳуқуқӣ**

Мутахассисон оиди ҳуҷҷатгузории шиканҷа: Дар ГКҲ се телефони тамоси фаврӣ амал мекунанд: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар шаҳри Душанбе ва НТҶ (987087676). Телефонҳо 24 соат, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва ид дастрас мебошанд.

Дар маҷмӯъ 132 машварати шифоҳӣ ва 89 ҳуҷҷати мурофиавии хаттӣ пешниҳод шуд, 26 вохӯрӣ бо адвокатҳо баргузор гардида, аз рӯи 8 муроҷиат дастгирии ҳуқуқӣ анҷом дода шуд.

- Машваратҳои шифоҳӣ аз ҷониби мутахассисон тавассути телефонҳои тамоси фаврии ГКҲ ва ҳангоми муроҷиат ба идораи ГКҲ вобаста ба тартиб ва муҳлати баррасии ариза дар бораи ҷиноят ба прокуратура, шикоят аз болои қарор оиди рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ, оиди муҳлати баррасии шикояти назоратӣ, вобаста ба шикоят аз болои ҳукми суд ва коллегияи кассатсионии мақомоти болоӣ, муҳлати шикоят аз болои қарори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, машварати марбут ба ҷазои дар кодекси ҷиноятӣ барои ҷиноят пешбинишуда, инчунин дар бораи пеш аз муҳлат аз хизмат бозхондани хизматчии ҳарбӣ дар робита ба марги волидон, дар бораи тартиби шикоят аз болои қарори судҳо ва мақомоти назоратӣ, оиди тартиби ҷуброни зарар тибқи ҳукми суд, шикоят аз амалҳои корманди прокуратура ба мақомоти болоӣ дар бораи саривақт ҷавоб надодан ба шикояти шаҳрванд, дар бораи пешниҳоди ариза аз номи хешовандони ҷабрдидагон ба прокуратура, дар бораи андешидани чораҳои қонунӣ нисбати шахсоне, ки аксҳои ҷабрдидагони фавтидаро аз ҷои ҳодиса паҳн кардаанд, пешниҳод карда шуданд.
- Ҳуҷҷатҳои хаттӣ (60 шикоят ва аризаҳо ба ПГ ҶТ, ДИП ҶТ, ВҲИ ҶТ, ВКД ҶТ, аз ҷумла Раёсати амнияти дохилии ВКД омода карда шуданд.

Ташкилотҳои узви ГКҲ нисбати шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф машваратҳо пешниҳод намуданд.

Аз ҷониби **ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"** хизматҳои адвокат аз рӯи як парвандаи истифодаи шиканҷа ва МБ пардохт карда шуд, 56 машварат пешниҳод карда шуд ва 29 ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ тартиб дода шуд.

**Мониторинги ҷаласаҳои судӣ**

*Мониторинги мурофиаҳои судӣ.* Дар давраи ҳисоботӣ 6 мониторинги ҷаласаҳои судӣ аз рӯи 3 парванда гузаронида шуд.

**Хулосаҳои асосӣ:**

Дар маҷмӯъ, дар рафти мурофиаи судӣ меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ риоя карда шуданд ва тарафҳои мурофиа дар доираи қонун амал мекарданд. Бо вуҷуди ин, вайронкуниҳои зерин ошкор карда шуданд:

- Аксари ҷаласаҳои судии бо мониторинг фарогирифташуда бо таъхири зиёд аз 40 дақиқа то 1.5 соат дертар оғоз ёфтанд. Дар ҳеҷ яке аз ҳолатҳо сабаби таъхир шарҳ дода нашудааст.
- Дар бинои суди вилояти Хатлон барои шахсони дорои маъюбият пандусҳо мавҷуд нестанд.
- Дар даромадгоҳ телефонҳои мобилии иштирокчиёни суд гирифта мешуданд.

**Ҷаласаҳои иттилоотӣ:**

Дар давраи ҳисоботӣ 17 вохӯрӣ бо адвокатҳои шаҳру вилоятҳои гуногуни Тоҷикистон, аз қабили шаҳри Хуҷанд, Гулистон, Истаравшан, Исфара, Бӯстон, инчунин ноҳияҳои Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Спитамен ва Деваштич анҷом дода шуданд. Мақсади ин вохӯриҳо ошкор кардани парвандаҳои марбут ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва баррасии имконияти ҳамкории минбаъда бо адвокатҳо дар ин парвандаҳо ба ҳисоб меравад.

Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузорӣ адвокатҳоро дар бораи фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон хабардор намуданд. Самтҳои асосии фаъолият, намудҳои хизматрасонӣ ва марҳилаҳои онҳо пешниҳод карда шуданд. Ҳамагӣ 112 адвокатҳо, ки аз онҳо 34 нафар занон ва 78 нафар мардон буданд, фаро гирифта шуданд.

Дар байни адвокатҳо маводҳои тақсимотӣ, аз ҷумла маҷмӯаҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, ки ба масъалаҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ дахл доранд, инчунин лифлетҳои ташкилотҳои ғайридавлатии Тоҷикистон, ки ба мубориза бо шиканҷа ва беҷазоӣ бахшида шудаанд, паҳн карда шуданд. Ин маводҳо бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо таҳия ва нашр гардидаанд.

Чунин чорабиниҳо ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии адвокатҳо оиди масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, инчунин ҷиҳати таъмин намудани онҳо бо захираҳои зарурӣ ва дастгирӣ барои андешидани тадбирҳои самаранок дар ҳолатҳои шабеҳ дар оянда мусоидат мекунанд.

**Мониторинги ВАО**

Дар давраи ҳисоботӣ мониторинги ВАО, аз ҷумла манбаъҳои зерин гузаронида шуд: сомонаи "Радиои Озодӣ", сомонаи агентии иттилоотии мустақили "Азия Плюс", шабакаи иҷтимоии Facebook, инчунин сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва дигар захираҳо. Ҳадафи мониторинг ошкор намудани нашриёт оиди далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба ҳисоб меравад:

- Салимов Шарофат[5]. Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ маълумотро дар бораи шиканҷаи Салимов Ш. аз ҷониби кормандони ШВКД-и ноҳияи Восеъ ҳуҷҷатгузорӣ кард. Аз рӯи ин парванда адвокат ҷудо карда шуд.
- Котибов Абдусаттор[6]. Далели ҳабси ғайриқонунӣ, бе огоҳии хешовандони наздик оиди ҳабси ӯ ошкор гардид

---

[5] https://www.youtube.com/watch?v=XAhVuS04cQI.
[6]http://www/asiaplustj/info/ru/news/tajikistan/laworder/20220719, http://www/asiaplustj/info/ru/news/tajikistan/laworder/20220715, http://rus.ozodi/org/amp/31949883/html

- Ҳомиҷон Абдулҳамидзода[7], сардухтури беморхонаи ноҳияи Ҷайҳун шаби 31 декабри соли 2021 аз ҷониби сардори шӯъбаи милитсияи ноҳияи Ҷайҳун Пулод Барфи мавриди ҳамла қарор гирифт
- Огаликова Элобат[8]. Ҳолати истифодаи муносибати бераҳмона ва шиканҷа ошкор гардид.
  Мутахассиси ГКҲ Ашурова Г. дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.
- Завқибек Саидамин[9], дар сомонаи "Радиои Озодӣ" оиди боздошти ӯ нашрияе ҷойгир шуд, ки дар он дар бораи набудани дастрасӣ ба адвокат ва дастрас набудани маълумот ба хешовандони наздикаш оиди боздошти ӯ хабар дода шуд.

**Мушкилоти асосӣ:**

- Рад кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти прокуратура ҷиҳати ба сифати далел баррасии хулосаи коршиносон дар бораи ҷароҳатҳои мавҷудаи қурбониёни шиканҷа.
- Вайронкунии муҳлатҳои (дар давоми 12 соат) анҷом додани ташхисҳои судию тиббӣ дар мавриди аризаҳо оиди шиканҷа.
- Беасос кашол додани тафтишоти пешакӣ: Муфаттишон тафтиши пешакии оиди далелҳои шиканҷаро бе сабабҳои объективӣ кашол медиҳанд.
- Аз ҷониби муфаттишон мадди назар гаштани дархостҳои адвокатҳо оиди анҷом додани амалҳои иловагии тафтишотӣ.
- Мавҷуд набудани чораҳои бехатарӣ барои қурбониёни шиканҷа. Даст кашидани қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо аз шикояти минбаъда аз болои амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар марҳилаҳои гуногуни парвандаи ҷиноятӣ.
- Таъмин накардани муоинаи тиббии шахсоне, ки дар ТНМ ҷойгир шудаанд; ба дастрасии мутахассисони мустақили тиббӣ (равонпизишкон) розигӣ надодан. Амалияи мавҷудаи ҳуҷҷатгузории оқибатҳои шиканҷа, яъне қисман ё нодуруст пур кардани варақаи муоинаи тиббӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дар ТНМ мавриди шиканҷа қароргирифта мушкилот эҷод мекунад. Духтурон барои муоинаи пурраи қурбониёни шиканҷа тахассуси кофӣ надоранд.
- Аз адвокатҳо дар бораи фош накардани маълумот дар бораи тафтишоти пешакӣ тибқи моддаи 177 КМҶ ва моддаи 361 КҶ забонхат мегиранд, ки амали ғайриқонунӣ аст. Чунин забонхат пурра ва беғараз хабардор намудани ГКҲ-ро барои гузаронидани мониторинги парвандаҳои ҳуҷҷатгузоришуда ғайриимкон месозад.
- Дар баъзе ҳолатҳо адвокатҳо, ки бо масъалаҳои шиканҷа сарукор доранд, бинобар тарс аз фишори эҳтимолӣ ба онҳо аз ташаббускории иловагӣ худдорӣ мекунанд, ҳатто агар он тибқи қонун ба онҳо дастрас бошад.
- Мониторинги парвандаҳои судӣ нишон дод, ки дар 90% ҳолатҳо мурофиа дертар аз вақти муқарраршуда оғоз меёбад: таъхир аз 1 то 4-5 соатро ташкил медиҳад, ки ба дастрасии қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо, алалхусус аз минтақаҳои дурдаст, ба адолати судӣ таъсири манфӣ мерасонад.

---

[7] https://www.facebook.com/174906359256843/posts/4816611935086239/
Абдулхамидзода Х. аз кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашид

[8] https://lm.facebook.com/l.php?u=https%3A%2F%2Fwww.ozodi.org%2Fa%2F31923184.html&h=AT2YdupZSdSM0W_OmcrCUQXYbMv71FakpxEprANxxkE1zbzsqJpesIcxeSp3C6acTtgqnAksgR8aK2c5DiFU79lLVYv4gPgHFB8JXdwgXyemu_9ytEXk6uR4C5L26TABZHPh

[9] https://www.google.com/amp/s/rus.ozodi.org/amp/31945525.html
https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/laworder/20220715/genprokuratura-tadzhikistana-skazala-za-chto-zaderzhadi-zhurnalisti-saidamini-i-pirmuhammadzoda.

- Ҳангоми шикоят аз болои қарорҳо, арзкунандагон бо як қатор мушкилот дучор мешаванд: Дар амал, муҳлати мурофиавии санҷишҳои прокурорӣ (СП) аз 1 то 2 моҳро ташкил медиҳад, ки дар охири он огоҳии кӯтоҳ оиди тасдиқ нашудани далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар рафти СП дода мешавад. Ба адвокатҳо маводҳои санҷиш бо истинод "Барои истифодаи хизматӣ" дода намешавад.
- Бо вуҷуди ҷорӣ намудани супоришномаҳои нав, ҳанӯз ҳам амалияе вуҷуд дорад, ки тибқи он гирифтани иҷозат барои вохӯрии адвокат бо ҳимояшаванда аз муфаттише, ки тафтишотро аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ пеш мебарад ё аз судяе, ки парвандаро баррасӣ мекунад, талаб карда мешавад. Маъмурияти ТТ ба адвокатҳо бе иҷозати пешакии муфаттиш вохӯриро ба ҳимояшаванда рад мекунад.
- Амалияи нигоҳ доштани гумонбаршудагони боздоштшуда дар шароити "инкоммуникадо" (бе алоқа бо ҷаҳони беруна), алалхусус дар сурати ҷинояти вазнин ё ҷинояти махсусан вазнин, бе таъмини дастрасии фаврии адвокатҳо ба ҳимояшавандаи худ идома дорад. Шахсоне, ки дар арафа ё дар рӯзҳои ид боздошт шудаанд, аксар вақт дар ҳолате қарор мегиранд, ки робитаи онҳо бо ҷаҳони беруна бо сабаби иҷозат дода нашудани воридшавии хешовандон ва адвокат бо истинод ба "рӯзҳои истироҳат" аз ҷониби маъмурияти ТНМ ва ТТ маҳдуд аст.
- Мувофиқи моддаи 149 банди 2 КМҶ ҶТ, прокуратура вазифадор аст, ки қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод кунад. Бо вуҷуди ин амалияи манфии пешниҳоди ба истилоҳ "Маълумотнома" ба ҷои қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ (ҚРОПҶ) вуҷуд дорад. Мақоми "Маълумотнома" ба шикояти минбаъда имкон намедиҳад ва гирифтани ҚРОПҶ вақт ва талошҳои иловагиро талаб мекунад.

## 3.3. ТАТБИҚИ ПРИНСИПҲОИ ИСТАМБУЛӢ БАРОИ ТАФТИШОТИ САМАРАНОКИ ТИББӢ ВА ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА ДАР ТОҶИКИСТОН

Фаъолият аз ҷониби Парвина Наврӯзова (ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"), ки ҳамчунин мутахассис оид ба Протоколи Истамбулии Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ мебошад, ҳамоҳанг мегардад.

**Ислоҳоти тандурустӣ дар маҳбасҳо**

Моҳи октябри соли 2022 Барномаи маҷмӯии офиятбахшии шахсони маҳкумшуда, ки ҷанбаҳои тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва диниро дар бар мегирад, таҳия карда шуд ва барои таҳия ва қабули минбаъда ба СРИҶҶ ВА ҶТ равона карда шуд. Дар таҳияи барнома ҳам коршиносони миллӣ ва ҳам байналмилалӣ, аз ҷумла Мариам Ҷишкариани аз ташкилоти байналмилалии "Табибон барои ҳуқуқи инсон" иштирок карданд.

Муаррифии барномаи офиятбахшии маҳбусон 10 ноябри соли 2022 дар ш. Душанбе дар рафти ҷаласаи шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ислоҳоти низоми иҷрои ҷазоҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷаласа намояндагони мақомоти гуногуни давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гурӯҳи мониторингии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ оид ба мониторинги муассисаҳои касалиҳои рӯҳӣ иштирок намуданд. Ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи "Идоракунии самараноки масъалаҳои экстремизми хушунатомез ва пешгирии ифротгароӣ

дар байни маҳкумшудагон дар муассисаҳои пӯшида", ки аз ҷониби Дафтари барномавии САҲА дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, ташкил карда шуд.

Дар рафти ҷаласа мавзӯъҳои гуногун, аз қабили барномаи пешакии маҷмӯии офиятбахшӣ, офиятбахшии ноболиғон, ҳифзи ҳуқуқии шахсон дар муассисаҳои пӯшида ва таҳияи лоиҳаи Қонун дар бораи "пробатсия"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва пешниҳод карда шуданд. Дар натиҷаи ҷаласа аҳамияти ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ дар доираи амалисозии Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда шуд.

**Омӯзишҳо барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва ТТ СРИҶҶ ВА ҶТ**

1. **Моҳи апрели соли 2022** барои 13 корманди колонияи занона дар мавзӯи "Мафҳуми рафтори аутоагрессивӣ ва худкушӣ" омӯзиши якрӯза доир карда шуд. Омилҳои рафтори аутоагрессивӣ ва худкушӣ. Баҳисобгирӣ ва пешгирии рафтори аутоагрессивӣ ва худкушии маҳкумшудагон. Психотехника дар шароити пандемияи Ковид-19".
2. **Моҳи апрели соли 2022** корманди лоиҳа ва духтур корҳои пешгирикунандаро анҷом доданд, ки аз лексияҳои хурд оид ба масъалаи пешгирии COVID-19 ва сӯҳбатҳо оиди беҳдошти шахсӣ, тарзи ҳаёти солим ва саривақт гирифтани табобати таъиншуда иборат буданд. Инчунин барои 47 нафар зан дар утоқи нави муҷаҳҳазшудаи гинекологӣ муоинаи гинекологӣ ташкил карда шуд, ки дар доираи он бемориҳои гинекологӣ ташхис шуда, кӯмаки тиббӣ расонида ва курсҳои табобатӣ таъин карда шуданд.
3. **Моҳи сентябр ва октябри соли 2022** дар шаҳри Душанбе барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар ҳамкорӣ бо Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, СРИҶҶ ВА ҶТ ва Донишкадаи такмили ихтисоси ВА ҶТ Тренинг оид ба омӯзиши тренерҳо (ТОТ) гузаронида шуд. Шумораи умумии иштирокчиён 20 нафарро ташкил дод: 10 намояндаи низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, 4 намояндаи Донишкадаи такмили ихтисоси ВА ҶТ, 3 намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ("Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" ва "Ташаббуси хуқуқӣ"), инчунин 2 намоянда аз Маркази ҳуқуқи инсон ва як намояндаи Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе. Ҳадафи гузаронидани ТОТ аз ташкили гурӯҳи коршиносони миллӣ оид ба омӯзиши кормандони СРИҶҶ ВА ҶТ барои идоракунии самараноки муассисаҳои пӯшида тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва татбиқи Стратегияи миллии ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои давраи аз соли 2020 то 2030 иборат буд. Дар ин тренинг ҳам коршиносони миллӣ ва ҳам байналмилалӣ ба ҳайси тренер/мураббӣ баромад карданд.
4. **Аз 24 то 25 октябр** дар Душанбе, **аз 27 то 28 октябр** дар Бохтар ва **аз 1 то 2 ноябри соли 2022** дар Хуҷанд барои кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон тренингҳои дурӯза ташкил карда шуданд, ки ба такмили ихтисоси онҳо дар идоракунии муассисаҳои пӯшида мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва Стратегияи миллии ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2030 равона карда шудаанд.
5. **Аз 28 ноябр то 9 декабр** Эътилоф дар якҷоягӣ бо СРИҶҶ ВА ҶТ панҷ тренингҳои дурӯзаро барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар мавзӯи "Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусон тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ" (Қоидаҳои Нелсон Манделла, Қоидаҳои Бангкок ва Пекин, Протоколи Истамбулӣ, КҲИ ва КҲК) дар Норак, Ёвон ва Душанбе анҷом дод. Дар тренинг **110 нафар**, аз ҷумла кормандони тиббӣ, сардорони отряд, кормандони оперативӣ - низомӣ (реҷавӣ), кормандони қисми тарбиявӣ ва равоншиносон (аз онҳо **30 нафар зан ва 80 нафар мард**) иштирок карданд.

**Нашрияҳо:**

Варақа дар бораи [10]ҳуқуқ ва уҳдадориҳои занони маҳбус тибқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ омода карда шуд. 100 нусхаи варақа бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ чоп карда шуд, ки ба китобхонаи колонияи занона супорида шуда, байни занони маҳбус паҳн карда шуд. Варақа тавсияҳоро барои занони маҳкумшуда дар бар мегирад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро шарҳ медиҳад ва инчунин дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки кӯмаки ҳуқуқӣ мерасонанд, маълумот медиҳад. Инчунин рақамҳои телефон барои тамос бо Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оварда шудаанд. Варақаи иттилоотӣ бо дастгирии молиявии Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҲМҲИ - Белгия) таҳия ва нашр шудааст.

## 3.4. ТАВЗЕҲИ МАСЪАЛАҲОИ ШИКАНҶА ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Эътилоф ба кор бо ВАО оид ба тавзеҳи масоили шиканҷа ва ташкили сиёсати "таҳаммулпазирии сифрӣ" нисбати шиканҷа аҳамияти баланд медиҳад. Тавзеҳи ҳолатҳои инфиродии истифодаи шиканҷа ва рафти мурофиаҳои судӣ ба ҷалби таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ ба масъалаҳои мазкур ва муттаҳидсозии талошҳои онҳо дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ мусоидат менамояд.

Кори гурӯҳи расонаӣ ба тавзеҳи мунтазами фаъолияти Эътилоф, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ҷалби аҳолӣ ба мубориза бар зидди шиканҷа тавассути ВАО равона гардидааст. Гурӯҳи расонаӣ намояндагони ташкилотҳои узви Эътилоф ва рӯзноманигорони алоҳидаро муттаҳид месозад. Котиботи гурӯҳи расонаӣ аз ҳамоҳангсоз, се мутахассис оид ба тавзеҳи масоили шиканҷа ва як мутахассиси ТИК иборат аст.

### 3.4.1. ИҚДОМҲО, НАМОИШИ АКСҲО, ЧОРАБИНИҲОИ ОММАВӢ

**Эътилофи зидди шиканҷа дар доираи маъракаи бахшида ба Рӯзи байналмилаии дастгирии қурбониёни шиканҷа як қатор чорабиниҳо баргузор намуд[11]**

Аз 16 май то 26 июни соли 2022, дар доираи маърака, дар пойтахт ва минтақаҳо чорабиниҳои мавзӯии гуногун баргузор гаштанд, ки бо хештегҳои зерин замима карда шуданд:

**#Стоп пыткам и безнаказанности!**
**#Stop torture and impunity!**
**#Аз шиканҷа ва беҷазоӣ даст кашед!**

[10] https://notorturetj.org/library/prava-zhenshchin-osuzhdennyh-na-moment-otbyvaniya-ugolovnogo-nakazaniya
[11] Чорабиниҳо бо дастгирии молиявии Фонди Зигрид Раузинг ва Иттиҳоди Аврупо/Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон баргузор карда шуданд.

**Онлайн-презентатсияи замимаи мобилии "Ман ва ҳуқуқҳои ман!"**




Аз 16 май то 1 июни соли 2022 муаррифии онлайни замимаи мобилии "Ман ва ҳуқуқҳои ман!" баргузор гардид. Иштирокчиён дар бораи ҷанбаҳои гуногуни замима, хусусиятҳои бахши "Барои зарардидагони зӯроварӣ" маълумот гирифтанд, ки дар он таҳиягарон кӯшиш карданд, ки ба корбарон маълумоти мукаммали ҳуқуқиро дар шакли оммафаҳм пешниҳод кунанд. Ҳамин тариқ, корбарон фаҳмиданд, ки шиканҷа, ҳабси маъмурӣ, зӯроварӣ дар оила чист ва ҳуқуқҳои шахсоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд ва ГАА (гурӯҳҳои асосии аҳолӣ)-ро омӯхтанд. Ғайр аз он, дар замима ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст, ки дар сурати поймол шудани ҳуқуқҳо дар ҳолатҳои тавсифшуда чӣ кор кардан лозим аст ва инчунин роҳнамо мавҷуд аст, ки дар он тамосҳои заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Рӯзи 1 июни соли 2022 онлайн-викторина баргузор гашт, ки он ҷамъбасти маъракаи иттилоотии "Ман ва ҳуқуқҳои ман" буд. Тибқи натиҷаҳои викторина се нафар ғолибон муайян гаштанд: Ҳушанг Ҷумаев, Фирӯз Юсуфӣ ва Хусрав Зикруллоев. Ин ҷавонон беш аз ҳама фаъол буданд ва ба саволҳо оид ба замимаи мобилии "Ман ва ҳуқуқҳои ман" зуд ҷавоб доданд.
https://notorturetj.org/news/mobilnoe-prilozhenie-ya-i-moi-prava

**Ташкили қабулгоҳи ҳуқуқӣ дар маҳалҳо: пешниҳоди машварати ҳуқуқии инфиродӣ дар Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон**

Ташкили машваратҳои ҳуқуқӣ дар маҳалҳо: дар шаҳри Душанбе (24 майи соли 2022), дар шаҳри Хуҷанд (6 июни соли 2022) ва дар Панҷакент (8 июни соли 2022) ба шаҳрвандон имкон дод, ки машварати ҳуқуқии инфиродӣ гиранд. Машваратҳо аз ҷониби узви Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон пешниҳод мешуданд, вале дар шаҳри Бохтар онҳо дар якҷоягӣ бо намояндагони филиали маҳаллии Иттифоқи адвокатҳои ҶТ пешниҳод карда шуданд. Машваратҳои ройгон барои ҳамаи хоҳишмандон аз соати 10:00 то 12:00 дастрас буданд. Шаҳрвандон аз рӯи масъалаҳои гуногун, аз ҷумла бақайдгирии никоҳ, муҳоҷирати меҳнатӣ, нафақапулӣ, ҳуқуқҳои кӯдакон ва масъалаҳои манзил мурочиат мекарданд.




**Гузаронидани барномаи радиоӣ дар мавзӯи озодӣ аз шиканҷа**

25 майи соли 2022, дар Авторадио дар барномаи "Росто" аз соати 11:00 то 12:00 меҳмони студия Мутриба Алиҷонова, ҳуқуқшиноси ФҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ" буд.




26 майи соли 2022 дар пахши мустақими радиои “Азия-Плюс” дар доираи намоиши ҳаррӯзаи “Ҳуқуқҳои ман!” масъалаҳо оиди рафти амалисозии тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда шуд. Ба ҳайси меҳмонон дар студия Ҳусниддин Нидоев аз шӯъбаи ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шоира Давлатова, директори иҷроияи ТҶ “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” ва Абдураҳмон Шарипов, ҳуқуқшиноси ТҶ “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” баромад намуданд, ки инчунин узви Эътилоф мебошад. Коршиносон инчунин ба саволҳои сершумори шунавандагони радио ҷавоб доданд, ки ба фарқияти байни шиканҷа ва муносибати бераҳмона, бо кадом мақсад истифода шудани шиканҷа, ҷойҳои эҳтимолияти зиёди истифодаи шиканҷа, татбиқ шудани авф нисбати шахсони ба истифодаи шиканҷа айборшуда посух доданд.

**Ҷойгир намудани иқтибосҳои президент ва дигар шахсони расмӣ, ки истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро маҳкум кардаанд, дар билбордҳои пойтахт**



Аз рӯзи 1 то 10 июни соли 2022, дар доираи маъракаи “Аз шиканҷа ва беҷазоӣ даст кашед!” дар мониторҳои калон, ки дар ҷойҳои гуногун насб шудаанд, иқтибосҳои намояндагони мақомоти давлатӣ ва шахсиятҳои маъруф дар бораи манъ кардани шиканҷа ҷойгир карда шуданд. Роликҳо ба принсипҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла ба моддаи 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар асос ёфтаанд, ки чунин изҳор менамояд: “Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирад”.

**Мастер-класс, озмунҳо ва викторинаҳо барои ҷавонон ва занон дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд**






5 июни соли 2022 дар шаҳри Душанбе дар қаҳвахонаи “PARKING” мастер-класс дар мавзӯи озодӣ аз шиканҷа баргузор гардид.
6 июни соли 2022 дар шаҳри Панҷакент ва 8 июни соли 2022 дар шаҳри Хуҷанд дар Маркази амрикоӣ ҷаласаҳои иттилоотӣ дар мавзӯи озодӣ аз шиканҷа гузаронида шуданд, ки пас аз

он озмунҳо ва онлайн-викторина (Quiz дар платформаи Kahoot) барои ҷавонон ва занон баргузор гаштанд. Саволҳои викторина ба ҳуқуқи инсон, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва ғайра дахл доштанд. Ба ғолибони викторина тӯҳфаҳои арзишманд тақдим карда шуданд.

**Гузаронидани иқдоми онлайн дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии Эътилоф**
Аз рӯзи 20 то 26 июни соли 2022 дар сомонаи Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва дар саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар рӯзе як иқтибос аз намояндагони мақомоти давлатӣ ва шахсони маъруф оид ба манъ кардани истифодаи шиканҷа ҷойгир карда мешуд. Иттилоот маълумоти тамосиеро дарбар мегирифт, ки дар ҳолати истифодаи шиканҷа ва МБ тариқи он муроҷиат намудан мумкин аст.

### 3.4.2. ИҚДОМ ВА МАЪРАКАИ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАСТГИРИИ ҚУРБОНИЁНИ ШИКАНҶА, 26 ИЮН.

**НАМОИШИ АКСҲО ВА МУАРРИФИИ КИТОБИ НАВСОЗИШУДАИ “ЧАНД ҲАЁТИ СӮЗОНИДАШУДА”**

Дар соли 2022 Эътилоф натавонист намоиши ҳамасолаи аксҳо ва муаррифии китоби навсозишудаи "Чанд ҳаёти сӯзонидашуда"-ро дар доираи Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониёни шиканҷа, ки ҳамасола 26 июн ҷашн гирифта мешавад, бинобар набудани иҷозати сохторҳои расмии дахлдор баргузор намояд. Сарфи назар аз дархосте, ки ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" ба ҳукумати шаҳри Душанбе ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ирсол намуд, иҷозати зарурӣ гирифта нашуд, гарчанде ки ин чорабиниҳо дар доираи Нақшаи миллии амал оид ба иҷрои тавсияҳои СММ барои солҳои 2019-2022 гузаронида мешуданд.

Ҳадафи ин чорабиниҳо баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва ташаккули фаҳмиши бошуури озодӣ аз шиканҷа байни аҳолӣ ва ҷавонон тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Тоҷикистон, инчунин муттаҳид сохтани талошҳо ва талабот ба мақомоти давлатӣ оид ба таҳияи сиёсати "таҳаммулпазирии сифрӣ" нисбати шиканҷа дар кишвар ба ҳисоб меравад.

**Машваратҳои ҳуқуқӣ**
29 июл[12] ва 15-16 август[13] дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, инчунин 11 август[14] дар назди супермаркети "Би1" дар Душанбе ва назди вокзали роҳи оҳан машваратҳои ҳуқуқии сайёри ройгон барои шаҳрвандон гузаронида шуданд. Машваратҳои шабеҳ дар Бохтар 22 ва 24 август баргузор гардиданд[15]. Шаҳрвандон бо саволҳои мухталиф, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, оилавӣ, андоз, меҳнатӣ ва манзил муроҷиат намуданд. Ҳомиёни ҳуқуқ кӯмаки ройгон мерасонданд, ҳуқуқ ва ухдадориҳоро шарҳ медоданд, инчунин дар бораи ҳуҷҷатгузорӣ ва муроҷиат ба мақомоти давлатӣ машварат медоданд. Масъалаҳои таъмини ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар ҳолатҳои марбут ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таваҷҷӯҳи хоса доштанд. Ба шаҳрвандон ҳуқуқи онҳо ба ҳимоя, ҳуқуқҳои онҳо дар сурати боздошт, инчунин масъулияти шахсони мансабдор барои боздошти худсарона, шиканҷа ва муносибати бераҳмона шарҳ

[12] https://notorturetj.org/news/v-hudzhande-i-kulyabe-proshli-vyezdnye-yuridicheskie-konsultacii
[13] https://notorturetj.org/news/vyezdnye-pravovye-konsultacii-v-sogde
[14] https://notorturetj.org/news/zhiteli-dushanbe-poluchili-besplatnuyu-pravovuyu-pomoshch
[15] https://notorturetj.org/news/pravovye-konsultacii-v-oblastnom-centre-hatlona

дода шуд. Ба ҳамаи муроҷиаткунандагон ҷиҳати кӯмаки минбаъда маълумоти ташкилотҳои ҳуқуқи инсон барои тамос дода шуд.

**Ҷаласаи иттилоотӣ дар бораи озодӣ аз шиканҷа**



Рӯзи 1 августи соли 2022[16] дар шаҳри Кӯлоб дар мавзӯи “Озодӣ аз шиканҷа” ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ **15 нафар адвокатҳо, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон** ҳам аз воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва ҳам мустақил, намояндагони телевизион ва радио, блогерҳо ва медиа-фрилансерҳои минтақаи Кӯлоб иштирок карданд.

Рӯзи 3 августи соли 2022 [17]дар шаҳри Бохтар мулоқот бо адвокатҳо, рӯзноманигорон ва фаъолони маркази маъмурии вилояти Хатлон доир гардид. Мавзӯи мулоқот "Ҳамкорӣ ва такмили ихтисос дар тавзеҳи масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона" буд. Чорабинӣ аз ҷониби Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон баргузор гардида, дар он зиёда **аз 12 нафар ҳомиёни ҳуқуқ аз ҳисоби адвокатҳои** мақомоти ҳудудии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, инчунин рӯзноманигорони ВАО ва телевизиони маҳаллӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар шаҳри Бохтар фаъолият мекунанд, иштирок доштанд. Ҳадафи баргузории ҷаласаҳои иттилоотӣ такмили малакаҳои ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон дар инъикоси масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона буд.

**Семинари омӯзишӣ: тавзеҳи масъалаи муқовимат ба шиканҷа**



29[18] ва 30[19] августи соли 2022 дар меҳмонхонаи "Dushanbe Serena" семинари дурӯзаи омӯзишӣ баргузор гардид, ки аз ҷониби Эътилофи бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ташкил карда шуд. Чорабинӣ барои кормандони хадамоти матбуоти мақомоти давлатӣ, инчунин мутахассисони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатии Тоҷикистон ташкил карда шуд ва ба мавзӯи "Ҳамкорӣ ва такмили ихтисос дар тавзеҳи мавзӯи озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона" бахшида шуда буд. Дар семинар рӯзноманигорони ВАО-и давлатӣ, намояндагони хадамоти матбуотӣ ва марказҳои робита бо ҷомеа, инчунин мутахассисони мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати мудофиа, Суди Олӣ ва дигарон ширкат варзиданд. Ҳадафи асосии семинар такмили малакаҳои иштирокчиён оид ба тавзеҳи масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона,

[16] https://notorturetj.org/news/info-sessiya-o-svobode-ot-pytok
[17] https://notorturetj.org/news/vstrecha-pravozashchitnikov-v-bohtare
[18] https://notorturetj.org/news/obuchayushchiy-seminar-osveshchenie-protivodeystviya-pytkam-den-vtoroy
[19] https://notorturetj.org/news/obuchayushchiy-seminar-osveshchenie-protivodeystviya-pytkam-den-pervyy

инчунин мусоидат дар татбиқи муқаррароти Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022 буд.

Аз рӯи натиҷаҳои чорабинӣ иштирокчиёни семинар маводи зеринро омода намуданд:

1) ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА ҲУҚУҚИ МУТЛАҚ АСТ! 30.08.2022 https://notorturetj.org/tj/news/tatbiki-bandkhoi-nakshai-millii-amal-oid-ba-ichroi-tavsiyakhoi-kumitai-ziddi-shikanchai-smm
2) ИҶРОИ ТАЛАБОТИ "НАҚШАИ МИЛЛИИ АМАЛҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ ТАВСИЯҲОИ КУМИТАИ ЗИДДИ ШИКАНҶАИ СММ БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2022", 30.08.2022 https://notorturetj.org/tj/news/ichroi-talaboti-nakshai-millii-amalkho-vobasta-ba-ichroi-tavsiyakhoi-kumitai-ziddi-shikanchai
3) Национальный план действий по реализации рекомендаций Комитета ООН против пыток на 2019-2022 годы, 30.08.2022 https://notorturetj.org/news/nacionalnyy-plan-deystviy-po-realizacii-rekomendaciy-komiteta-oon-protiv-pytok-na-2019-2022
4) Иҷрои талаботи Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022, 30.08.2022 https://notorturetj.org/tj/news/ichroi-talaboti-nakshai-millii-amalkho-vobasta-ba-ichroi-tavsiyakhoi-kumitai-ziddi-shikanchai-0

## МАЪРАКАИ 30-РӮЗАИ "ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА - ҲУҚУҚИ МУТЛАҚИ ИНСОН АСТ. 10 СОЛ - БАРОИ ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА!"

**Эътилоф маъракаи 30-рӯзаи "Озодӣ аз шиканҷа - ҳуқуқи мутлақи инсон. 10 сол - барои озодӣ аз шиканҷа!"-ро гузаронид, ки ба Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон бахшида шуда, ҳар сол санаи 10 декабр ҷашн гирифта мешавад.**




Ҳуқуқшиносони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дар давраи аз 10 то 30 ноябри соли 2022 машваратҳои ройгони ҳуқуқӣ дар якчанд шаҳрҳои кишвар, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе (31 машварат), Бохтар (23 машварат), Турсунзода (12 машварат), Истаравшан (24 машварат), Ҷ. Расулов (14 машварат) оиди масъалаҳои мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, инчунин оиди дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намуданд. Шаҳрвандон ба ҳуқуқшиносон бо саволҳои гуногун вобаста ба қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, расмиёти боздошт, истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, зӯроварӣ дар оила, инчунин баҳсҳои манзилӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ муроҷиат карданд. Илова бар ин, ба шаҳрвандон дар бораи маҳали ҷойгиршавии идораҳои ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки ба ҳайати Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, инчунин ташкилотҳои адвокатӣ дар шаҳри Душанбе маълумот дода шуд.

**Пахши радио: 10 сол - барои озодӣ аз шиканҷа!**

**15 ноябри соли 2022 дар радиои Asia-Plus** барномае баргузор шуд, ки ба муҳокимаи масъалаҳои рушди қонунгузории миллӣ дар 10 соли охир дар соҳаи манъи шиканҷа, аз ҷумла дохил кардани моддаи "Шиканҷа" (моддаи 143 эзоҳ 1) ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 бахшида шудааст. Ин барномаи радио дар доираи маъракаи 30-рӯзаи "Озодӣ аз шиканҷа - ҳуқуқи мутлақи инсон. 10 сол - барои озодӣ аз шиканҷа!" баргузор гардид, ки ба Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон бахшида шуда, ҳар сол санаи 10 декабр ҷашн гирифта мешавад. Маълумот дар бораи ин чорабинӣ пешакӣ дар сомонаҳои Эътилоф ва бахшҳои иттилоотии шабакаи радио ҷойгир шуда буд, то ки шунавандагони радио тавонанд саволҳои худро диҳанд. Ба сифати коршиноси асосӣ Шоира Давлатова - роҳбари ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон", ки аъзои Эътилофи бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон мебошад, баромад намуд. Мақсади асосии чорабинӣ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи аҳолӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон буд.




**Идомаи ин барномаи радио 22 ноябри соли 2022** бо иштироки ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон: Азиз Бобоев ва Абдураҳмон Шарипов сурат гирифт. Коршиносон ба саволҳои шунавандагон посух дода, инчунин маълумоти тамосии ташкилотҳои узви Эътилофро пешниҳод намуданд, ки дар сурати дучор шудан бо шиканҷа ё муносибати бераҳмона барои кӯмаки ҳуқуқӣ ба онҳо муроҷиат кардан мумкин аст.

**Тақвими соли 2023 дар мавзӯи "Озодӣ аз шиканҷа"**: дар арафаи рӯзи Умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон 10 декабр ва фарорасии соли нави 2023 Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ба шарикони худ аз шумораи мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва сафоратхонаҳо, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО табрикот ирсол намуд. Якҷоя бо мактубҳои табрикотӣ руқъаи мавзӯӣ ва тақвими мавзӯӣ оид ба ҳуқуқи инсон ирсол карда шуданд. Дар ҳар як варақи тақвим маълумот дар бораи озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона (тибқи стандартҳои байналмиалӣ ва миллӣ шиканҷа чист ва барои ин кирдори ҷиноятӣ чӣ гуна ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст ва ғайра) ва инчунин рақами телефонҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хати "тамоси фаврии" Эътилофи зидди шиканҷа ҷойгир карда шудааст, ки тариқи онҳо занг зада, дар бораи ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона хабар додан мумкин аст. Муаллифони мактуб қайд карданд, ки Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон бо қарори Ассамблеяи Генералии









СММ муқаррар карда шудааст ва инчунин оиди аҳамияти ин рӯйдод ва уҳдадориҳои риояи ҳуқуқи шаҳрвандонро хотиррасон намуданд. Дар мактубҳо инчунин ба талошҳои муштарак оиди ҳифзи ҳуқуқи инсон, ташаккули фарҳанги ҷомеаи ҳуқуқӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ даъват карда шуд.

**Вохӯриҳои иттилоотӣ бо ҷавонони Суғд оиди ҳуқуқи инсон**:

ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" дар якҷоягӣ бо ТҶ "Ибтидо" як қатор вохӯриҳои иттилоотиро бо ҷавонони вилояти Суғд бахшида ба рӯзи Байналмилалии ҳуқуқи инсон доир намуд. Вохӯриҳо дар шаҳри Истаравшан (19 ноябри соли 2022) ва дар Ҷ. Расулов (21 ноябри соли 2022) баргузор гардиданд. Ҳадафи чорабиниҳо аз огоҳ сохтани ҷавонон оиди ҳуқуқҳои инсон, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, фаҳмиши арзишҳои ҳуқуқи инсон иборат мебошад. Зиёда аз 100 нафар ҷавонон иштирок намуда, филмҳо тамошо карданд ва дар викторинаҳо ширкат варзиданд. Иштирокчиёни фаъол бо тӯҳфаҳо ва тақвимҳои Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон тақдим гардиданд.






**Озодӣ аз шиканҷа: тренинг ва викторина дар "Parking"**




26 ноябр дар




маркази таълимӣ-фароғатии "Parking" тренинг ва бозӣ-викторинаи зеҳнӣ баргузор гардид, ки аз ҷониби Гурӯҳи ташаббускори ҷавонони "ҲРУ – Тоҷикистон"-и дар назди ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" ташкил карда шуд. Чорабинӣ ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, инчунин аҳамияти риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории кишвар дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа бахшида шуда буд. Дар чорабинӣ **20 нафар фаъолони шаҳрвандӣ, донишҷӯёни макотиби олии пойтахт ва ҳуқуқшиносони ҷавон иштирок карданд.** Ба андешаи ташкилкунандагон, чорабинӣ бояд таваҷҷӯҳи ҷавононро ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, тарбияи онҳо мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории кишвар дар самти озодӣ аз шиканҷа ҷалб намояд. Дар

қисми аввали чорабинӣ ҷавони фаъол Далер Ҳисомов ба ҳайси сухангӯ баромад намуд. Дар презентатсияи худ ӯ оид ба кори ГТҶ "ҲРУ-Тоҷикистон" сухан ронд. Тренер дар презентатсияи худ ба иштирокчиён дар бораи аҳамияти Эъломияи ҳуқуқи башар ва таърихи қабули он нақл кард. Сипас, ӯ дар бораи мафҳуми “шиканҷа” ва таҷрибаи ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо шиканҷа суханронӣ намуд. Барои таҳкими донишҳои бадастомада бозии интерактивии "Ном ва ассотсиатсия" гузаронида шуд. Иштирокчиён оиди Эъломияи ҳуқуқи башар, мафҳуми "шиканҷа" ва таҷрибаи мубориза бар зидди он дониш ба даст оварданд. Ба ғолибони викторина тӯҳфаҳои арзишманд тақдим карда шуданд.




**Ҷаласаи иттилоотӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа дар "Parking":** Ҳомиёни ҳуқуқ дар доираи маъракаи 30-рӯзаи "Озодӣ аз шиканҷа - ҳуқуқи мутлақи инсон. 10 сол - барои озодӣ аз шиканҷа!" санаи 2 декабри соли 2022 бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки ҳамасола 10 декабр таҷлил мешавад, барои намояндагони ҷавонони шаҳри Душанбе ва НТҶ ҷаласаи иттилоотӣ баргузор намуданд.https://notorturetj.org/news/infosessiya-po-protivodeystviyu-pytok-v-parking Ҳадафи асосии ҷаласаи иттилоотӣ омӯзиши асосҳои ҳуқуқи инсон, озодӣ аз шиканҷа, қобилияти фарқ кардани унсурҳои шиканҷа аз дигар моддаҳои марбута, омӯзиши асосҳои Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва тартиби тавзеҳи мавзӯи мубориза бар зидди шиканҷа дар ВАО ба ҳисоб мерафт. Ба 10-умин солгарди ворид шудани моддаи 143 (1) ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир шуд.

**Инчунин маводҳои махсус омода карда шуданд**:
Муборизони ҳуқуқи инсон: заноне, ки дар эъломияҳои ҳуқуқи башар осор гузоштаанд, 01.12.2022
https://notorturetj.org/news/borcy-za-prava-cheloveka-zhenshchiny-ostavivshie-sled-v-deklaracii-prav-cheloveka
ТОП 15: Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд чӣ маъно доранд? 03.12.2022
https://notorturetj.org/news/top15-chto-oznachayut-prava-i-svobody-grazhdanina
Рӯзи ҳуқуқи инсон ва инъикоси мавзӯи шиканҷа дар расонаҳои давлатии Тоҷикистон, 05.12.2022
https://notorturetj.org/tj/news/ruzi-khukuki-inson-va-inikosi-mavzui-shikancha-dar-rasonakhoi-davlatii-tochikiston
Ҳуқуқи инсон: Ду ҳолати намоёни шиканҷа - аз нахустин ҳукми айбдорӣ то қазияи пурсарусадо, 07.12.2022
https://notorturetj.org/tj/news/khukuki-inson-du-kholati-namoyoni-shikancha-az-nahustin-khukmi-aybdori-kaziyai-pursarusado
Тоҷикистон Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсонро таҷлил мекунад, 08.12.2022
https://notorturetj.org/news/tadzhikistan-otmechaet-vsemirnyy-den-prav-cheloveka
Оё шиканҷа "падидаи нодир" аст ё қурбонӣ аз таъқиб метарсад? 09.12.2022
https://notorturetj.org/news/pytki-redkoe-yavlenie-ili-zhertvy-boyatsya-presledovaniya

## МУШОИАТИ РАСОНАИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ

Дар давраи январ - декабри соли 2022 Гурӯҳи расонаӣ 379 маводро бо забони русӣ нашр кард: 213 (баёнияҳои матбуотӣ - 26, маводи таҳлилӣ - 27, маводи мултимедиавӣ\видеоӣ\аудиоӣ - 26, ақидаҳо - 25, маводҳои иттилоотӣ - 88, аз дигар манбаъҳо - 21), бо забони тоҷикӣ: 150 (баёнияи матбуотӣ - 26, маводи таҳлилӣ - 9, маводи мултимедиавӣ\видеоӣ\аудиоӣ - 7, ақидаҳо – 27, маводҳои иттилоотӣ - 64, аз манбаъҳои дигар - 17) ва бо забони англисӣ: 16 (баёнияи матбуотӣ - 8, маводи мултимедиавӣ\видеоӣ\маводи аудиоӣ - 2, ақидаҳо 6).

Ҳамаи маводҳое, ки аз ҷониби Гурӯҳи расонаӣ дар ҳамкорӣ бо дигар аъзо ва гурӯҳҳо таҳия шудаанд, дар сомонаи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд: www.notorturetj.org

Ҳангоми ҷойгир кардани маълумот дар сомонаи Эътилоф, ҳамаи маълумот дар саҳифаҳои сомонаи Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ такрор карда мешавад ва аз рӯи рӯйхати ирсоли почтаи Эътилоф фиристода мешавад notorture.tj@gmail.com
Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/
Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw
Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
Телеграм: http://t.me/j
Инстаграм: notorture.tj

Сомонаи Эътилоф манбаи асосии пешниҳоди иттилооти босифат ва беғараз барои дигар ВАО-и Тоҷикистон мебошад. Аз ҷумла, ВАО-и пешбари Тоҷикистон маълумотро аз манбаъҳои Эътилоф мубодила ё истинод мекунанд. Дар чоргонаи аввали ташрифҳо ба сомонаи Эътилоф чун пештара: Русия, Украина, Беларус ва Туркия боқӣ мемонад. Дар давраи ҳисоботӣ ташрифоварандагони нав **204524 нафарро** ташкил доданд.



55,6% гузариш аз системаҳои ҷустуҷӯӣ, 23,3 гузариш тавассути пахш намудани истинод дар сомонаҳо, 17% ташрифи бевосита, 3,36% гузариши дохилӣ ва боқимонда – 0,74% ташкил дод.  Синну соли шахсоне, ки ба сомона ташриф оварданд: 25-34 (50,5%), 35-44 (25,3%), 18-24 (10,2%), 45-54 (8,55%), боқимонда – 5,95%. Ташриф асосан тавассути компютери шахсӣ - 84,31%, смартфонҳо - 14,91%, планшетҳо - 0,75%, боқимонда - 0,03% сурат гирифтанд.












**Маводҳо барои моҳи январи соли 2022**

1. Коалиция против пыток предоставила адвокатов для защиты интересов Чоршанбиева Ч., 11.01.2022
https://notorturetj.org/news/koaliciya-protiv-pytok-predostavila-advokatov-dlya-zashchity-interesov-chorshanbieva-ch
2. Эътилофи зидди шиканҷа барои ҳимояи манфиатҳои Чоршанбиев адвокат пешниҳод кард, 11.01.2022
https://notorturetj.org/tj/news/etilofi-ziddi-shikancha-baroi-khimoyai-manfiatkhoi-chorshanbiev-advokat-peshnikhod-kard
3. Декабр - 2021: аз чорабиниҳои мавзуӣ то бозгашт ба қазияи шиканҷаи Бобокалонов, 18.01.2022
https://notorturetj.org/tj/press/dekabr-2021-az-chorabinikhoi-mavzui-bozgasht-ba-kaziyai-shikanchai-bobokalonov-1
4. Эмомали Рахмон, Основатель мира и национального единства - Лидера нации, Президент Республики Таджикистан, 19.01.2022
https://notorturetj.org/dialog/emomali-rahmon-osnovatel-mira-i-nacionalnogo-edinstva-lidera-nacii-prezident-respubliki
5. Эмомалӣ Раҳмон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19.01.2022
https://notorturetj.org/tj/dialog/emomali-rakhmon-asosguzori-sulkhu-vakhdati-milli-peshvoi-millat-prezidenti-chumkhurii
6. Рустами Эмомали, Спикер верхней палаты парламента Таджикистана Рустам Эмомали, 20.01.2022
https://notorturetj.org/dialog/rustami-emomali-spiker-verhney-palaty-parlamenta-tadzhikistana-rustam-emomali
7. Раиси палатаи болоии парлумони Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ, 20.01.2022
https://notorturetj.org/tj/dialog/raisi-palatai-boloii-parlumoni-tochikiston-rustami-emomali
8. Парвандаи ошкорнашуда, ки ба даҳсолаи дуюм гузашт, ё иҷро нашудани мулоҳизаҳои КҲИ СММ аз ҷониби Тоҷикистон, 20.01.2022 («Висяк», перешедший на втрое десятилетие, или невыполненные Таджикистаном соображения КПЧ ООН, 20.01.2022)
https://notorturetj.org/news/visyak-pereshedshiy-na-vtroe-desyatiletie-ili-nevypolnennye-tadzhikistanom-soobrazheniya-kpch
9. В одной из воинских частей погранвойск Таджикистана погиб солдат, 21.01.2022
https://notorturetj.org/news/v-odnoy-iz-voinskih-chastey-pogranvoysk-tadzhikistana-pogib-soldat
10. Марги марзбони тоҷик. Наздиконаш мегӯянд, "барои либос", фармондеҳ шарҳ намедиҳад, 21.01.2022
https://notorturetj.org/tj/news/margi-marzboni-tochik-nazdikonash-meguyand-baroi-libos-farmondekh-sharkh-namedikhad
11. Муноқишаи ду афсар, ки бо кордзанӣ анҷом ёфт, 22.01.2022
https://notorturetj.org/tj/news/munokishai-du-afsar-ki-bo-kordzani-anchom-yoft
12. Адвокатҳои Чоршанбиев Ч. ташхисро мубоҳиса карданд, 24.01.2022 (Адвокаты Чоршанбиева Ч. оспорили экспертизу, 24.01.2022)
https://notorturetj.org/news/advokaty-chorshanbieva-ch-osporili-ekspertizu
13. Гражданское общество призывает власти Таджикистана восстановить доступ к интернету в ГБАО, 28.01.2022

https://notorturetj.org/news/grazhdanskoe-obshchestvo-prizyvaet-vlasti-tadzhikistana-vosstanovit-dostup-k-internetu-v-gbao

14. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз мақомоти Тоҷикистон даъват кардааст, ки дастрасӣ ба интернетро дар ВМКБ барқарор намоянд, 28.01.2022 https://notorturetj.org/tj/news/chomeai-shakhrvandi-az-makomoti-tochikiston-davat-kardaast-ki-dastrasi-ba-internetro-dar-vmkb
15. Илҳомҷон Атоев: Ҳоло дар ВМКБ интернет фаъол аст ва ба истисноии баъзе минтақаҳо, бо стандарти 3G кор мекунад, 31.01.2022 https://notorturetj.org/tj/news/ilkhomchon-atoev-kholo-dar-vmkb-internet-faol-ast-va-ba-istisnoi-baze-mintakakho-bo-standarti
16. Ильхомджон Атоев: «Сейчас интернет в ГБАО активен и работает в стандарте 3G, за исключением некоторых районов», 31.01.2022 https://notorturetj.org/news/ilhomdzhon-atoev-seychas-internet-v-gbao-aktiven-i-rabotaet-v-standarte-3g-za-isklyucheniem

**Маводҳо барои моҳи феврали соли 2022**

1. Итоги деятельности медиа-группы за 2021 год, 01.02.2022 https://notorturetj.org/news/itogi-deyatelnosti-media-gruppy-za-2021-god
2. Натиҷаҳои фаъолияти гуруҳи расонаӣ дар соли 2021, 01.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/natichakhoi-faoliyati-gurukhi-rasonai-dar-soli-2021
3. Глава Верховного суда: в 2021 году трое сотрудников милиции осуждены за пытки, 02.02.2022 https://notorturetj.org/news/glava-verhovnogo-suda-v-2021-godu-troe-sotrudnikov-milicii-osuzhdeny-za-pytki
4. Раиси Суди Олӣ: дар соли 2021 се корманди милиса барои шиканҷа маҳкум шуданд 02.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/raisi-sudi-oli-dar-soli-2021-se-kormandi-milisa-baroi-shikancha-makhkum-shudand
5. Группа по реабилитации жертв пыток: в 2021 году на реабилитацию поступило 14 человек, из них 9 женщин, 02.02.2022 https://notorturetj.org/news/gruppa-po-reabilitacii-zhertv-pytok-v-2021-godu-na-reabilitaciyu-postupilo-14-chelovek-iz-nih-9
6. Омбудсмен: 15 жалоб на предполагаемые пытки в 2021 году не нашли своего подтверждения, 03.02.2022 https://notorturetj.org/news/ombudsmen-15-zhalob-na-predpolagaemye-pytki-v-2021-godu-ne-nashli-svoego-podtverzhdeniya
7. Ваколатдор: 15 шикоят аз шиканҷаи эҳтимолӣ дар соли 2021 тасдиқи худро наёфтанд, 03.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/vakolatdor-15-shikoyat-az-shikanchai-ekhtimoli-dar-soli-2021-tasdiki-hudro-nayoftand
8. Группа правовой помощи: 24 обращения на пытки и жестокое обращение за год 03.02.2022 https://notorturetj.org/news/gruppa-pravovoy-pomoshchi-24-obrashcheniya-na-pytki-i-zhestokoe-obrashchenie-za-god
9. Гуруҳи кумаки ҳуқуқӣ: 24 муроҷиат оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар як сол, 03.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/gurukhi-kumaki-khukuki-24-murochiat-oid-ba-shikancha-va-munosibati-berakhmona-dar-yak-sol

10. Ҷорӣ намудани принсипҳои Истанбулӣ: дастгирии коршиносон, замимаи мобилӣ, тренингҳо 04.02.2022 (Внедрение Стамбульских принципов: экспертная поддержка, мобильное приложение, тренинги 04.02.2022) https://notorturetj.org/news/vnedrenie-stambulskih-principov-ekspertnaya-podderzhka-mobilnoe-prilozhenie-treningi
11. Гуруҳи офиятбахшии қурбониёни шиканҷа: дар соли 2021 барои офиятбахшӣ 14 нафар ворид шудаанд, ки 9 нафарашон занҳоянд, 04.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/gurukhi-ofiyatbahshii-kurboniyoni-shikancha-dar-soli-2021-baroi-ofiyatbahshi-14-nafar-vorid
12. Таджикистан: Амриддин Аловатшоев находится под риском применения пыток, 07.02.2022 https://notorturetj.org/news/tadzhikistan-amriddin-alovatshoev-nahoditsya-pod-riskom-primeneniya-pytok
13. Тоҷикистон: Амриддин Аловатшоев таҳти хатари истифодаи шиканҷа қарор дорад, 07.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/tochikiston-amriddin-alovatshoev-takhti-hatari-istifodai-shikancha-karor-dorad
14. КПЧ подтвердил получение дополнительных комментариев по делу Бобоева 08.02.2022 https://notorturetj.org/news/kpch-podtverdil-poluchenie-dopolnitelnyh-kommentariev-po-delu-boboeva
15. КҲИ дастрас намудани шарҳи иловагиро оид ба парвандаи Бобоев тасдиқ кард, 08.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/kkhi-dastras-namudani-sharkhi-ilovagiro-oid-ba-parvandai-boboev-tasdik-kard
16. FAQ: оперативно-розыскная деятельность. Кто есть кто в ОРД?, 18.02.2022 https://notorturetj.org/news/faq-operativno-rozysknaya-deyatelnost-kto-est-kto-v-ord
17. FAQ: фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ. Дар ФФҶ кӣ кӣ аст?, 18.02.2022 - 22:08 https://notorturetj.org/tj/news/faq-faoliyati-favri-chustuchui-dar-ffch-ki-ki-ast
18. Ба суд нисбати ВКД ва Прокуратураи генералӣ даъво пешниҳод гардид, 22.02.2022 (В суд подан иск на МВД и Генпрокуратуру, 22.02.2022) https://notorturetj.org/news/v-sud-podan-isk-na-mvd-i-genprokuraturu
19. Адвокат аз дастрасӣ ба ҳимоятшавандаи худ Аловатшоев Амридин маҳрум аст, 17.02.2022 (Адвокат лишен доступа к своему подзащитному Аловатшоеву Амридиину,17.02.2022) https://notorturetj.org/news/advokat-lishen-dostupa-k-svoemu-podzashchitnomu-alovatshoevu-amridiinu
20. Суд по делу Чоршанбе Чоршанбиева будет проходить в зале следственного изолятора ЯС9/1 ГУИУН МЮ РТ, 23.02.2022 https://notorturetj.org/news/sud-po-delu-chorshanbe-chorshanbieva-budet-prohodit-v-zale-sledstvennogo-izolyatora-yas91-guiun
21. Мурофиаи парвандаи Чоршанбе Чоршанбиев дар толори тавқифгоҳи тафтишотии ЯС9/1-и СРИҶҶ ВА ҶТ мегузарад, 23.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/murofiai-parvandai-chorshanbe-chorshanbiev-dar-tolori-tavkifgokhi-taftishotii-yas91-i-srichch
22. Рӯзи Артиши миллӣ муборак!,23.02.2022 https://notorturetj.org/tj/news/ruzi-artishi-milli-muborak-1
23. С днем защитников отечества! 23.02.2022

https://notorturetj.org/news/s-dnem-zashchitnikov-otechestva

24. FAQ: фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ. Гузаронидани ФФҶ, 25.02.2022
https://notorturetj.org/tj/news/faq-faoliyati-favri-chustuchui-guzaronidani-ffch
25. FAQ: оперативно-розыскная деятельность. Проведение ОРМ, 25.02.2022
https://notorturetj.org/news/faq-operativno-rozysknaya-deyatelnost-provedenie-orm
26. Адвокат получил доступ к своему подзащитному Аловатшоеву Амридиину, 27.02.2022
https://notorturetj.org/news/advokat-poluchil-dostup-k-svoemu-podzashchitnomu-alovatshoevu-amridiinu

**Маводҳо барои моҳи марти соли 2022**

1. FAQ: оперативно-розыскная деятельность. Кто вправе проводить ОРД?, 04.03.2022
https://notorturetj.org/news/faq-operativno-rozysknaya-deyatelnost-kto-vprave-provodit-ord
2. FAQ: фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ. Кӣ ҳуқуқи гузаронидани ФФҶ-ро дорад? 04.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/faq-faoliyati-favri-chustuchui-ki-khukuki-guzaronidani-ffch-ro-dorad
3. Адвокат ба зерҳимояи худ Аловатшоев Амриддин дастрасӣ ёфт, 04.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/advokat-ba-zerkhimoyai-hud-alovatshoev-amriddin-dastrasi-yoft
4. С 8 Марта – праздником весны и красоты! 07.03.2022
https://notorturetj.org/news/c-8-marta-prazdnikom-vesny-i-krasoty
5. 8-уми март - иди баҳору зебоӣ муборак! 08.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/8-umi-mart-idi-bakhoru-zeboi-muborak
6. Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон даъват кард, ки аз роҳе, ки ба азият меорад, гардед, 08.03.2022
https://notorturetj.org/news/verhovnyy-komissar-oon-po-pravam-cheloveka-prizvala-svernut-s-puti-vedushchego-k-stradaniyam
7. Рӯзи матбуоти тоҷик муборак, рӯзноманигорони гиромӣ! 11.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/ruzi-matbuoti-tochik-muborak-ruznomanigoroni-giromi-0
8. С Днем таджикской печати! 11.03.2022
https://notorturetj.org/news/s-dnem-tadzhikskoy-pechati
9. Эътилофи зидди шиканҷа барои прокурорҳо дар мавриди муайянсозӣ ва тафтиши далелҳои шиканҷа тренингҳо гузаронид, 11.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/etilofi-ziddi-shikancha-baroi-prokurorkho-dar-mavridi-muayyansozi-va-taftishi-dalelkhoi
10. Коалиция против пыток провела тренинги для прокуроров по выявлению и расследованию фактов пыток, 11.03.2022
https://notorturetj.org/news/koaliciya-protiv-pytok-provela-treningi-dlya-prokurorov-povyyavleniyu-i-rassledovaniyu-faktov
11. Иди касбиятон муборак, муҳтарам кормандони мақомоти прокуратура! 14.03.2022
https://notorturetj.org/tj/news/idi-kasbiyaton-muborak-mukhtaram-kormandoni-makomoti-prokuratura
12. С профессиональным праздником - Днем работников прокуратуры, 14.03.2022
https://notorturetj.org/news/s-professionalnym-prazdnikom-dnem-rabotnikov-prokuratury
13. Дар Душанбе мурофиаи судӣ оид ба парвандаи Чоршанбе Чоршанбиев идома ёфт, 14.03.2022 (В Душанбе продолжился судебный процесс по делу Чоршанбе Чоршанбиева, 14.03.2022)
https://notorturetj.org/news/v-dushanbe-prodolzhilsya-sudebnyy-process-po-delu-chorshanbe-chorshanbieva

14. Мурофиаи боз, вале маҳдуди Чоршанбе Чоршанбиев. Тарафҳо дар боздоштгоҳ чӣ гуфтанд? ВИДЕО, 14.03.2022 https://notorturetj.org/tj/news/murofiai-boz-vale-makhdudi-chorshanbe-chorshanbiev-tarafkho-dar-bozdoshtgokh-chi-guftand-video
